**ХУЛОСАИ**

шурои диссертатсионии 6О.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHO) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади (доктори) илм (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023 №295)

Парвандаи аттестатсионии № 14

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 27.02.2026, Протоколи № 45

Барои сазовор донистани унвони илмй ба Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (РйП) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6П080902 - Сабзавотпарварӣ

Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи "Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданй ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кулоби вилояти Хатлон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Р1Ю) -доктор аз рӯйи ихтисоси 6П080902 - Сабзавотпарварӣ санаи 09.12.2025, Протоколи №36 аз тарафи шурои диссертатсионии **6В.КОА-096** назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон [734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 21а], ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №171/шд аз 25.04.2025 таъсис дода шудааст, ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич, соли таваллудаш 27.05.1991, шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон. Соли 2009 ба шуъбаи рӯзонаи факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси .1-740201 - агрономӣ дохил шуда, онро соли 2013 бо муваффақият хатм намудааст.

Докторант Кулиев Қ.Ҳ. соли 2013 ба зинаи магистратураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дар ихтисоси агроэкология дохил шуда, онро соли 2015 хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, №320 аз 11-уми декабри соли 2015 ба ҳайси докторант (Р11О)-и шуъбаи рӯзонаи ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур аз рӯйи ихтисоси 60080101-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ қабул шудааст.

Мавзуи кори диссертатсионӣ бо фармоиши ректори ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур №23, аз 11-уми апрели соли 2016 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст. Роҳбари илмии докторант - Комилов А.Д., номзади илмҳои кишоварзӣ, таъин карда шудааст.

Ҳамзамон, мавзуи кори диссертатсионӣ дар шурои олимони ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур суратҷаласаи №2, аз “30”-юми сентябри соли 2021 муҳокима гардида, роҳбари илмӣ иваз карда шудааст. Ба ҷойи роҳбари илмии докторант - Комилзода А.Д., номзади илмҳои кишоварзӣ ва Набиев Толиб Набиевич доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, академики АИКТ ҳамчун мушовири илмӣ, тасдиқ карда шудааст.

Дар баробари ин дар шурои олимони ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур суратҷаласаи №1, аз “30”-юми августи соли 2025 роҳбари илмии докторант иваз карда шуда, Тоҷидин Пирзода доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, ба ҳайси роҳбари илмӣ, Набиев Т.Н. доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, академики АИКТ мушовири илмӣ тасдиқ гардидааст.

Айни ҳол докторант Кулиев Қ.Ҳ. дар вазифаи асистенти кафедраи ботаника ва экологияи кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур фаъолият дорад.

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур солҳои 2017-2020 иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

Тоҷидин Пирзода - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи технологияи нигохдорӣ, коркард ва бехатарии маҳсулоти ғизоии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур.

**Мушовири илмӣ:**

Набиев Толиб Набиевич - доктори илмҳои кишоварзӣ, академики АИКТ ва АИК ФР, профессори кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур.

**Муқарризони расмӣ:**

**Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич -** доктори илмҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Мирзоев Шуҷоатбек Давлатбегович -** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи географияи йқтисодӣ ва экологияи факултети гуманитариву педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар -** Донишгоҳи давлатии Данғара (735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, н.Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25.) дар хулосаи мусбии муассиса, ки аз тарафи муқарриз, муаллими калони кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара, номзади илмҳои кишоварзӣ Саидов Фахриддин Муминович омода шудааст дар ҷаласаи шурои олимони Доншгоҳи давлатии Данғара, протоколи №6 аз 22 январи соли 2026 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласаи шурои олимон, номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултети аграрӣ ва амнияти озуқаворӣ Шарифзода Ҷ.Ш. ва котиби илмии шурои олимон, номзади илмҳои кишоварзӣ, Сафарализода С.С. имзо намудаанд ва ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ, тасдиқ гардидааст.

Дар тақриз хулоса дода шудааст, ки натиҷаи ниҳоии таҳлили диссертатсия ба он водор менамояд, ки мавзуи интихобгардида ва мақсаду вазифаҳои гузошташуда моҳияти илмиву амалӣ ва иқтисодиро доро мебошад. Мазмун ва мундариҷаи автореферати диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба он мувофиқат намуда, ороишоти он тибқи талабот иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич оид ба мавзуи диссертатсия 17 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз он 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои тасдиқгардидаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд:**

**[1-М].** Кулиев К.Х. Продуктивность лука репчатого в зависимости от применения минеральных удобрений / Т.Н. Набиев, К.Х., Кулиев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2025. - №2 (107). - С. 3-5. ISSN 2074-543 5

**[2-М].** Кулиев К.Х. Рост, развитие продуктивность лука в зависимости от удобрения в условиях Кулябской зоны/ Т.Н. Набиев, К.Х., Кулиев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии

Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2025. - №2 (107). - С. 6-8.188К 2074-5435

**[3-М].** Кулиев Қ.Ҳ., Таъсири истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба тараққиёт, нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёз / Қ.Ҳ.Кулиев, Т.Н. Набиев Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе,2024. - №1 (102). - С. 1-3 188И 2074-5435

**[4-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири нуриҳои маъданӣ ба нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёзи навъи "Ҳисорӣ" // Қ.Ҳ.Кулиев, Т.Н. Набиев // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе,2023. - №1 (99). - С. 5-7 188И 2074-5435

**[5-М].** Кулиев Қ.Ҳ., Нашъунамо ва маҳсулнокии бехпиёз вобаста ба муҳлати кишт ва истифодабарии нуриҳои маъданӣ // Т.Н., Набиев, Қ.Ҳ.Кулиев, А.Ҷ. Асроров // Илм -ва фановарӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Душанбе, 2023. - №1. -С. 180-184.188Н 2312-3648

**[6-М.** Кулиев Қ.Ҳ. Хусусиятҳои нашъунамо ва ҳосилнокии бехпиёз дар шароити минтақаи Кӯлоб вобаста ба истифодабарии нуриҳои маъданӣ // Илм ва фановарӣ, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон - Душанбе, 2023. - №1. -С. 23 8-241.18 8И 2312-3 648

**[7-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири нуриҳои маъданӣ ба ҳосилнокии бехпиёз дар дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон // А.Д. Комилзода, С.Ҳ. Давлатов Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолй «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе, 2019. - №3а (84). - С. 85-87.188И 2074-5435

**[8-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Тағйирёбии сифати бехпиёзи навъи "Испанӣ-313" вобаста аз меъёр ва таносуби нуриҳои маъданӣ // А.Д.Комилзода, Кулиев Қ.Ҳ. // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ «Кишоварз», Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. -Душанбе,2019. - №3а (84). - С.95-97.188Х 2074-5435

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар дигар нашрияҳо чопшуда:**

**[9-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Истифодаи нуриҳои маъданӣ ва таъсири он ба маҳсулнокии бехпиёзи навъи Ҳисорӣ // Т.Н. Набиев, А.Д. Комилзода, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ҳалли мушкилотҳои асосии таъмини амнияти ғизоӣ тавассути самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити муосир". - Душанбе. - 2024. - С.95-99

**[10-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои минералии бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон // Т.Н.Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ". - Душанбе. - 2023. - С.32-35

**[11-М].** Кулиев Қ.Ҳ., Ҳосилнокии бехпиёз вобаста аз истифодаи нуриҳои маъданӣ // Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Иқтисодиёти кишоварзӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ". - Душанбе. - 2023. - С.3 6-40.

**[12-М].** Кулиев Қ.Ҳ., Маҳсулнокии бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва меъёри гуногуни истифодабарии нуриҳои маъданӣ // Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев, А.Ҷ.Асроров // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Самаранок истифодабарии заминҳои корами кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим". - Душанбе. - 2023. - С.88-90.

**[13-М].** Кулиев Қ.Ҳ., Давраи тараққиёт ва нашъунамои бехпиёз вобаста аз муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ // Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Самаранок истифодабарии заминҳои корами кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим". - Душанбе. - 2023. - С. 150-152.

**[14-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири муҳлати кишт ва истифодаи нуриҳои маъданӣ ба нишондодҳои биометрии зироати бехпиёз // Т.Н. Набиев, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмуи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Самаранок истифодабарии заминҳои корами кишоварзӣ дар шароити диверсификатсияи истеҳсолот ва тағйирёбии иқлим". - Душанбе. -2023.-С. 161-163

**[15-М].** Кулиев К.Х. Перспективы, повышения качественных характеристик картофеля и лука репчатого при применения органических и минеральных удобрений // Т. Пирзода., А.Д. Комилов, Қ.Ҳ. Кулиев // Материалы международной научно-практической конференции на тему "Актуальной задачи эффективного использования земли в контексте инновационного развития аграрного сектора в условиях глобального изменения климата" 30-31 марта 2018 года, Дангаринский государственный университет - 2018. - С. 52-57.

**[16-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Таъсири нуриҳои органикию маъданӣ ба маҳсулнокии бехпиёз ва сифатнокии он дар шароити минтақаи Кӯлоб / Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмуи мақолаҳои илмӣ конференсияи илмӣ-амалӣ ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масъалаҳои муосир истифодабарии самаранокии замин дар рушди соҳаи кишоварзӣ вобаста ба номусоидии иқлим". - Данғара. - 2018. - С.151-154.

**[17-М].** Кулиев Қ.Ҳ. Технологияи парвариши пиёз / Х.А.Эмомов, Ф.Т. Қодиров, Қ.Ҳ. Кулиев // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявии дар мавзуи "Аҳаммияти технологияи муосир дар баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ". - Душанбе. - 2017. - С.93-99.

**Ба автореферати диссертатсия ба шурои диссертатсионӣ 8 тақриз ворид гардидааст:**

1. **Алимуродов Абдузоҳид Султонович -** доктори илмҳои кишоварзӣ, профессори кафедраи биохимияи факултети биологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ, ба сифати камбудиҳо меҳоҳам қайд намоям, ки

дар матн хатогиҳои техникӣ ва услубӣ дар шакли “-” дар калимаҳо ҷой дорад).

**2. Атахонова М.Д. -** номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шуъбаи агрохимияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ (Тақриз мусбӣ, аммо дар автореферат баъзе камбудиҳо аз ҷумла ғалатиҳои оморӣ, имлоӣ, граматикӣ ва хатогиҳои техникӣ ҷой доранд).

**3. Арамов Музаффар Хашимович -** доктор сельскохозяйственных наук профессор кафедры плодоовощеводства, виноградарства Термезского государственного университета инженерии и агротехнологий (Тақриз мусбӣ, эрод нест).

**4. Гулов С.М. -** доктори илмҳои биологӣ, узви вобастаи АМИТ, профессори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон (Тақриз мусбӣ, эрод нест).

**5. Жанбыршина Н.Ж. -** кандидат сельскохозяйственных наук, ассоцированный профессор, Казахский агротехнический исследовательский университет им. С.Сейфуллина (Тақриз мусбӣ, эрод нест).

**6. Мирзораҳимзода А.К. -** доктори илмҳои биологӣ, профессор, ноиби президент - раиси шуъбаи илмҳои биологияи АМИТ (Тақриз мусбӣ, эрод нест).

**7. Сабуров Б.М. -** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи биология ва методикаи таълими он МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” (Тақриз мусбӣ, чунин эрод гирифта шудааст.)

1. Дар автореферат баъзе хатогиҳои хусусияти техникӣ дошта ба назар мерасанд.

2. Автореферат дорои хатогиҳои орфографӣ ва грамматикӣ мебошад.

**8. Сафарзода Ш.Ҷ. -** доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, ҳамоҳангсозии компоненти якуми МД “Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ” (Тақриз мусбӣ, эрод нест).

Ҳамаи тақризҳои аз тарафи муқарризон пешниҳодшуда мусбат буда, қисмати асосии эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд, онҳо муҳиммии мавзуи кори диссертатсионӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии тадқиқоти анҷомдодашуда, асоснокии натиҷаҳои илмии диссертатсия, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо ва ҷавобгӯ будани кори иҷрогардидаро ҳамчун диссертатсияи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусбӣ арзёбӣ намуда, пешниҳод менамоянд, ки муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902-Сабзавотпарварӣ мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, дар асоси комёбиҳо ва дастовардҳои илмии онҳо оид ба омӯзиши самаранокии истифодаи нуриҳои органикӣ ва минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи бехӣ, хусусан дар самти сабзавотпарварӣ, корҳои илмии чопшудаашон дар соҳаи дахлдори тадқиқ ва қобилияти муайян намудани арзиши амалии диссертатсия ва розигии онҳо ба тақриздиҳӣ, сурат гирифт.

**Интихоби ташкилоти тақриздиҳанда** бар он асос ёфтааст, ки он муассисаи илмӣ - тадқиқотиест, ки ба ҳалли мушкилотҳои рушди кишоварзӣ равона гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки** аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро намудани тадқиқоти илмӣ:

- **коркард карда шуд:** тадбиру чорабиниҳо доир ба интихоби минтақа, мавзуъ, навҳои пурмаҳсули бехпиёз, муҳлати кишт, меъёр ва таносуби истифодаи нуриҳои органикӣ ва маъданӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ мутобиқ ба дигаргуншавии иқлим, ҳудудҳои истифодашавии натиҷаи тадқиқот мавриди амал қарор гирифтааст;

- **пешниҳод шудааст:** натиҷаҳои бадастомадаи кори илмӣ-тадқиқотӣ барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодии бехпиёз дар хоҷагии

кооперативии тиҷоратии Саид Али Ҳамадонӣ минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон асоснок гардидааст.

Ба самтҳои афзалиятноки тадқиқотҳои илмии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидашуда мутобиқ буда, ба «Стратегияи миллии рушди ҷумҳурӣ» ва барномаи «Амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ мебошад. Аз ин рӯ, амалӣ гардидани ҳадафу вазифаҳои тадқиқот воқеияти фарзияи номбурдаро собит сохта, ҳамзамон барои марҳила ба марҳила амалишавии он мусоидат менамоянд;

- **исбот шудааст, ки** муайян намудани нишондодҳои биометрй, сохтори таркибии ҳосил ва ҳосили зироати бехпиёз вобаста аз нуриҳои минералӣ бароичорй намудан ва рӯёнидани маҳсулнокии баланд мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявии тадқиқот бо он асоснок карда шудааст,** ки

**Исбот намудани:** ҳосили баланди бехпиёзи навъи “Ҳисорӣ” дар кишти баҳорй ба ҳисоби миёна (55,8 т/га) ва дар кишти тирамоҳӣ ( 44,6т/га ) дар вақти истифодаи нуриҳои маъданй бо меъёрӣ N240^120X90 ба даст оварда шудааст.

Парвариши бехпиёз вобаста аз нуриҳои органикӣ ва минералӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахш мебошад ва истифодабарии он аз 1 гектар мутаносибан 54235 - 60257 сомонӣ фоидаи софро таъмин менамояд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта муайян карда шуд,** ки самаранокии баланди иқтисодии бехпиёзи навъи “Ҳисорӣ” ва “Испанӣ 313“ дар кишти баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар вақти истифодаи меъёри нурии маъданӣ N240^120X90 ба даст оварда шудааст. Натиҷаҳои дар рафти тадқиқот таҳия карда шуда, оид ба технологияи парвариши бехпиёз дар хоҷагии кооперативии тиҷоратии Саид Али Ҳамадонӣ, дар майдони зиёда аз 50 га мавриди амал қарор дода шудааст;

**баён шудааст, ки** дар заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон навҳои ноҳиябандишудаи «Ҳисорй» ва «Испанӣ-313» барои

рӯёнидани ҳосили баланди (45-60 т/га) бехпиёзи навҳои «Ҳисорӣ» ва «Испанӣ-313» истифодаи нуриҳои минералӣ бо меъёри N240 P120 **K90** мувофиқи мақсад мебошад;

**ошкор гардидани** коркарди натиҷаҳои биометрӣ, фитометрӣ, таркиби сохтори ҳосил, маҳсулнокӣ, баҳодиҳии сифати маҳсулот, баромади сифати молӣ, бехпиёз,. ки дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ ба даст омадаст, метавон истифода бурд;

**омӯхта шуданд:** бори аввал таъсири истифодаи меъёрҳои нурии органикию маъданиро ба тараққиёт, нашъунамо, нишондодҳои биометрӣ, таркиби кимиёвӣ, сохтори таркибии ҳосил, сифатнокии маҳсулот ва қобилияти нигоҳдории маҳсулоти бехпиёз дар сардхона исбот карда шуд;

**аз нав такмил додани** дар заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар вақти гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ, меъёри истифодаи нуриҳои органикӣ ва минералӣ мукаммалгардонида шудаанд, ки дар натиҷа ҳосили баланди бехпиёзи навъи Ҳисорӣ (55,8 т/га) ба даст оварда шуд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи тадқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ дар амалия бо он исбот мешавад,** ки усулҳои таҳия шудаи тхнологияи парвариши бехпиёз дар хоҷагии кооперативӣ .тиҷоратии Саид Али Ҳамадонӣ шари Кӯлоби вилояти Хатлон дар майдони 50 гектар коркард ва ҷорӣ шудаанд;

**муайян карда шуд,** ки дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илман асоснок, меъёрҳои истифодаи оптималии нурии органикию маъданӣ, интихоби навъ, нигоҳдорй ва сифати маҳсулоти бехпиёз барои истеҳсолот таҳия ва тавсия карда шудааст. Муқаррар карда шуд, ки ҳосили баланд ва устувори бехпиёзро дар вақти якҷоя истифода намудани нурии органикӣ ва маъданӣ ба даст оварда мешавад;

**офарида шуд:** низоми амалии истифодабарии нурии органикию маъданӣ дар шароити минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон метавонад ҳосили баланди бехпиёзро таъмин намояд;

**муаррифӣ карда шуд:** дар шароити хоку иқлими минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар асоси гузаронидани тадқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ, муҳлати оптималии кишт ва самаранокии технологияи парвариши бехпиёзро вобаста аз истифодаи меъёрҳои нурии органикию минералӣ муқаррар шудааст. Дар минтақаи мазкур парвариши бехпиёз дар кишти тирамоҳӣ ва маҳсусан дар қишти баҳорӣ асосӣ воқеӣ дошта, дар таъмини талаботи аҳолӣ нақши муҳим ва арзишноки худро мегузорад;

**пешниҳод карда шуд:** оид ба рӯёнидани ҳосили баланди бехпиёз тавсия мешавад, ки истифодаи нурии органикӣ бо меъёри 30 т/га пору ва дар заминаи он истифодабарии нуриҳои маъданӣ X120P80K60 зарур мешуморем.

**Барасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти илмии саҳроӣ барои истеҳсолот пешниҳод карда шуданд:** дар натиҷаи дуруст ташкил намудани таҷрибаҳо бо натиҷаҳои тадқиқотҳои олимони соҳа мувофиқат мекунанд ва саҳеҳияти тадқиқот ошкор намуд, ки дар рафти кор усулҳои муосири асоснок истифода карда шуданд.

**назария** дар асоси нишондодҳои нуриҳои минералиро барои зироати бехпиёз санҷида шуда, ҳамзамон дар натиҷа бо далелҳои интишоршудаи мавзуи диссертатсия муҷовир ва ҳамоҳанг мебошад.

**ғоя асоснок шудааст:** дар асоси таҳлили амалияи хулосаи таҷрибаҳои пешқадамон ва як қатор масъалаҳои муҳими дохилӣ ва берунӣ дошта, ки аз омилҳои бадаст овардани рушди устувори соҳаи кишоварзӣ вобаста мебошанд, аз тарафи таҳқиқотчиён ба он таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир намудаанд, ки ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои асосии тадқиқоти мазкурро муайян намудааст;

**истифода шуданд:** муқоисаи натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф ва натиҷаҳо аз сарчашмаҳои адабиёти илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия, усули таҷрибаҳои саҳроӣ ва таҳлили натиҷаҳои тадқиқот гузаронида шуд;

**муайян шудаанд:** микдоран ва сифатан мувофиқат кардани натиҷаҳои муаллиф бо манбаъҳои холис, ки аз рӯйи мавзуи мазкур оварда шуданд дар ҳолатҳое,ки ин муқоисаҳо асоснок мебошанд.

**истифода карда шуданд:** бақайдгирӣ, мушоҳидаҳои фенологӣ ва ҳисобу ченакҳо дар асоси услубҳои гузаронидани корҳои таҷрибавӣ дар сабзавоткорӣ ва полезиҳо В.Ф.Белкин, [1992] ва ташхисҳои агрохимиявӣ ва биохимиявӣ мутобиқ ба услуби пешниҳоднамудаи А.В. Петербургский [1986] Е.В. Ануришкин [1970]; Ф А. Юдина [1971]; А.В. Соколова [1975] амалӣ шудаанд. Коркарди математикии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз услуби таҷрибаҳои саҳроии Б. А. Доспехов [1985] ва самаранокии иқтисодии парвариши бехпиёз бо услуби Г.С. Посипанов ва В.Е. Долгодворов [1995] истифодаи барномаи компютерии МюгозоД оҒйсе Ехсе1 коркард карда шуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:** мавзуи диссертатсия дар асоси таҳлили маводҳои олимони ватанию хориҷӣ, шахсан аз ҷониби муаллиф тарҳрезӣ гардидааст, усул ва нақшаи гузаронидани тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои диссертатсияро таҳия намудааст. Докторант таҳияи барномаи илмӣ, тадқиқот ва иҷрои таҷрибаҳои саҳроию озмоишӣ, корҳои аналитикӣ, ҷамъоварию таҳлили натиҷаҳои бадастомада, баҳодиҳии омории иқтисодӣ, тавсияҳои хулосавӣ ва пешниҳодҳо ба истеҳсолотро шахсан худаш гузаронидааст. Кулиев Қ. Ҳ. натиҷаҳои нишондодҳои ба дастовардаи худро ба тартиб даровarда, ҳисоботи илмӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи назариявии натиҷаҳои бадастовардаро шахсан гузаронидааст. Диссертатсия ва авторефератро худаш омода намудааст;

- **иштироки бевоситаи** муаллиф дар ҳама марҳилаҳои иҷрои диссертатсия (дар иҷрои нақшаи тадқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварӣ, коркарди маводи назариявӣ ва методӣ) назаррас мебошад;
- муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза ва мақолаҳо дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ

ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар давраи солҳои 2017-2019 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд;

- **натиҷаи корҳои илмӣ** мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, усулҳои беҳтарини тадқиқот, ки тавонистанд нишондодҳои баланди ҳосилнокии бехпиёзро таъмин намоянд, барои кишоварзони минтақа ҳамчун тавсия пешниҳод карда шудаанд. Ҳамзамон, дар майдони 50 гектар натиҷаи бадастомадаи тадқиқоти илмӣ дар заминҳои хоҷагии кооперативӣ - тиҷоратии Саид Али Ҳамадонии шарҳи Кӯлоби вилояти Хатлон татбиқи амалии худро ёфтанд;

- **таҳияи корҳои илмии** нашршуда аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар 17 кори илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи **КОА** назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар ҷаласаи 27 феврали соли 2026, Протоколи №45 шурои диссертатсионии 6О.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон қарори сазовор донистани Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) -доктор аз рӯйи ихтисоси 60080902-Сабзавотпарварӣ қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Овоз доданд: **тарафдор 15 нафар**, муқобил **нест**, бюллетенҳои беэътибор **нест.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ Салимзода Амонулло Файзулло

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна

27.02.2026